# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович дар мавзуи “Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ**

Таҳқиқи номҳои мавзеъҳои ҷуғрофӣ, ки яке аз масъалаҳои муҳимми илми ономастика ба ҳисоб меравад, солҳои охир таваҷҷуҳи забоншиносонро бештар ба худ ҷалб намуда, барои бозгӯии бисёр масъалаҳои мубрам замина фароҳам меорад. Дар забоншиносии муосири тоҷик омӯзиши номҳо, бахусус номвожаҳои мавзеъҳои ҷуғрофӣ дар адабиёти классикии форсу тоҷик, на танҳо ба соҳаи номшиносӣ тааллуқ дорад, балки ба паҳлуҳои гуногуну норавшани таърих, этнография, ҷуғрофия, фарҳангу маданият, адабиёту санъат, ҳунармандиву меъморӣ, шаҳрсо-зиву муносибатҳои байнидавлатӣ ва ҳамзамон, қисматҳои гуногуни забоншиносӣ алоқаманд аст.

Мақсади муаллифи диссертатсия таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикии топонимияи «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ буда, тавре мушоҳида мешавад, ӯ тавонистаст ба ин мақсади худ бирасад. Давлотшоҳи Самарқандӣ дар ин асари бузург номҳои мавзеъҳои зиёди ҷуғрофиро мавриди корбурд қарор додааст, ки барои ҷуғрофияшиносон, таърихнигорону забоншиносон маводи ниҳоят гаронбаҳо ба ҳисоб мераванд. Аз ин рӯ, таҳлилу таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикии топонимияи «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, ки аз madди назари муҳаққиқон то андоза дур монда буд, яке аз масъалаҳои мубрам ва саривақтӣ ба шумор меравад.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боби фарогири 10 фаслу 15 зерфасл, хулоса, феҳрасти адабиёт ва замима иборат мебошад, ки дар маҷмуъ 192 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

**Дар муқаддима** оид ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ,

мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарию методологии тақҳиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариву амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиби амалии натиҷаҳои диссертатсия, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

**Боби аввал «Таҳқиқи хусусиятҳои вожагонии топонимҳои «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ»** ном дошта, аз фаслҳои зерин: таснифи топонимҳои асар ва таҳлили лексикӣ-семантикии онҳо, ойконимҳо ва мавқеи истифодабарии онҳо, оронимҳо, полионимҳо, комонимҳо, урбанонимҳо, гидронимҳо ва корбурди онҳо, мавқеи истифодабарии оронимҳо, номи кӯҳу дашт ва саҳро, номи қалъа, қаср, работ ва нигорхона, дромонимҳо, антропотопонимҳо ва истифодаи онҳо, этнотопонимҳо ва мавқеи истифодабарии онҳо иборат мебошад. Муаллиф дар бораи ҳар яке аз ин анвои топонимҳои дар асар истифодашуда, маълумоти муфассал додааст.

**Боби дуюми диссертатсия «Баромади забонӣ ва сохтори морфологии топонимҳои «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ»** ном дошта, аз фаслҳо ва зерфаслҳои зер иборат аст: топонимҳои эрониасл, топонимҳои иқтибосии арабӣ, топонимҳои иқтибосии туркӣ-муғулӣ, топонимҳои мутааллиқ ба дигар забонҳо, таҳлили сохтори морфологии топонимҳои “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, топонимҳои сода, сохта, мураккаб ва топоним-ибораҳо.

Фасли якуми боби дуюм «Топонимҳои эрониасл дар асар» ном дошта, оид ба топонимия ва микротопонимия дар асар маълумот медиҳад. Муаллиф зимни таҳлили қабатҳои забонии топонимҳои «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ муайян намудааст, ки дар асар ҳангоми тасвири нақлу воқеа ва маълумот дар бораи шоирон

ва нависандагон, ҳамзамон овардани намунае аз осори онҳо топонимҳои эрониасл нисбат ба дигар қабатҳои забонӣ корбурди васеътар доранд.

Фасли дуюми боби дуюм “Таҳлили сохтори морфологии топонимҳои “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ” номгузорӣ шудааст.

Дар ин қисмати диссертатсия муҳаққиқ хусусияти сохторию калимасозии топонимҳои «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандиро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар забоншиносӣ таҳлили хусусияти сохторию калимасозии номвожаҳои мавзеъҳои ҷуғрофӣ ё худ дар маҷмуъ ономастика аз масъалаҳои хеле муҳим арзёбӣ мешавад. Дар ин қисмат, пеш аз ҳама, хусусияти сохтории вожаҳо, равишҳои омӯзиш ва таҳқиқи вожасозӣ, нақши калимасозӣ дар ташаккули ономастика, пешванду пасвандҳои номвожасоз, формантҳои номвожасоз ва шаклҳои калимасозии онҳо мавриди пажуҳиш ва омӯзиши ҳаматарафа қарор гирифтааст.

**Дар хулоса** натиҷаҳои илмии бадастовардаи унвонҷӯ дар 12 банд мушаххас оварда шудааст.

Бояд гуфт, ки таҳлилу таҳқиқи муфассали мавхуъ ба унвонҷӯ имкон додааст, ки дар соҳаи ономастика таҳқиқоти муҳимму назаррас анҷом диҳад.

Хулоса ва натиҷагириҳои ӯ аз масъалаи таҳқиқшаванда мантиқан дуруст ва далелнок буда, кори анҷомёфта ва масоили дар он баррасишаванда ба шиносномаи ихтисоси 10.02.01-забони тоҷикӣ мувофиқ аст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасад, ки онҳо чунинанд:

1. Ҳангоми муаррифии диссертатсия унвонҷӯ баъзе аз фаслу зерфаслҳоро омехта овардааст. Барои мисол, фасли якуми боби якуми диссертатсия “таснифи топонимҳои асар ва таҳлили лексикӣ-

семантикии онҳо” ном гирифта бошад, ҳам шарҳи минбаъда нишон медиҳад, ки ин қисмат фасли дуюми ин боб аст (с.10).

2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ дида мешаванд (с.10, с.14, с.15, с.17, с.22,).

Албатта, камбудию норасоиҳои ҷойдошта ислоҳшаванда буда, моҳияти илмии диссертатсияро коста намекунанд.

Автореферати ба забонҳои тоҷикию русӣ мураттабгардида мазмуну муҳтавои диссертатсияи Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимовичро дар мавзуи “Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ” пурра инъикос менамояд. Диссертатсия таҳқикоти мукаммали баанҷомрасида маҳсуб ёфта, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи ғайрирасмӣ**, мудири кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои филологӣ: Назаров Меҳрубон Ниёзмадович

0 4.03.2024

Имзои номзади илмҳои филологӣ, Назаров Меҳрубон Ниёзмадовичро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷамшед Абдуалим

Нишонӣ: ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав
Тел.: (83222) 2-45-20; 2-22-53
E-mail: ktsu78@mail.ru, web-сайт: www.ktsu. edy.tj

«04» 03 с. 2024.